ХУЛОСАИ КОМИССИЯ ЭКСПЕРТИИ

шурои диссертатсионии 6D.KOA-075, назди Институти чорводорӣ ва чарогоҳи Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон амалкунанда ба диссертатсияи Сафарзода Зайнудин, дар мавзуи «Сифатҳои гӯштии чорвои популятсияи маҳаллӣ дар асоси дурагакунонӣ бо зоти сарсафеди қазоқӣ дар шароити минтақаи Кӯлоб» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 4.2.2 -Зотпарварӣ, селексия ва генетикаи ҳайвоноти кишоварзӣ, пешниҳод кардааст.

Мутобиқати мавзуъ, муҳтавои диссертатсия ва автореферат ба ихтисос ва соҳаи илме, ки аз рӯйи он ба шуро қабул, баррасӣ ва ҳимояи диссертатсиҳо иҷозат дода шудааст. Рисолаи илмии Сафарзода Зайнудин дар мавзуи «Сифатҳои гӯштии чорвои популятсияи маҳаллӣ дар асоси дурагакунонӣ бо зоти сарсафеди қазоқӣ дар шароити минтақаи Кӯлоб » таҳти роҳбарии доктори илмҳои биологӣ, дотсент, аъзои вобастаи АИКТ, ноиби президенти Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон Амиршозода Файзулло Сафар ба иҷро расонида шудааст.

Кори илмӣ мутобиқи барномаҳои тасдиқгардидаи Институти чорводорӣ ва чарогоҳи АИКТ, дар шуъбаи “Селексия ва технологияи чорвои гӯштӣ, қутоспарварӣ ва асппарварӣ” дар мавзӯи “Беҳтар кардани хусусиятҳои генетикӣ ва маҳсулнокии чорвои калони шохдор, қутос ва асп дар хоҷагиҳои моликияташон гуногун” (№:0121TJ1155) дар назди Институти чорводорӣ ва чарогоҳи АИКТ иҷро шудааст.

Хулосаи рисолаи илмӣ аз рӯйи мавзӯъ ва мундариҷааш ба ихтисосҳо ва соҳаҳои илм мувофиқат мекунад. Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-075 ҳуқуқ дода шудааст, ки онро барои ҳимоя қабул кунад.

Тадқиқотҳои илмӣ дар ҳудуди ихтисоси 4.2.2 -Зотпарварӣ, селексия ва генетикаи ҳайвоноти кишоварзӣ ва ҳуҷҷати расмии КОА ҶТ (илмҳои кишоварзӣ) гузаронида шудаанд:

б.1. Беҳтар намудани зотҳо, намудҳо, навъҳо, зотҳо ва зотҳои мавҷудаи ҳайвоноти кишоварзӣ;

б.2. Такмили усулҳои мавҷуда ва кор карда баромадани усулҳои нави селексия, баҳодиҳии зотпарварӣ ва сифатҳои маҳсулнокии ҳайвоноти кишоварзӣ;

б.3. Самаранокии усулҳои гуногуни селексия барои зотпарварӣ ва зотӣ;

б.5. Баҳодиҳии хусусиятҳои берунӣ-конститутсионӣ ва ботинии ҳайвонот ва истифодаи нишондиҳандаҳои онҳо дар кори зотпарварӣ.

Асосноккунии қабули рисола ба ҳимоя

Муҳиммияти мавзуъ. Ҷумҳурии Тоҷикистон кишвари кӯҳӣ мебошад. Қариб 93% қаламравӣ ҷумҳуриро минтақаҳои кӯҳӣ ва наздикӯҳӣ фаро гирифтааст. Табиист, ки дар ҳолати оқилона истифода бурдани чунин минтақаҳо, ба монанди минтақаҳои кӯҳӣ ва наздикӯҳӣ, танҳо тавассути парвариши чорвои калон ва хурд ба роҳ монда мешавад.

Барои ташакули чорвои соҳаи гӯшти ба хоҷагиҳои минтақаҳои кӯҳии ҷумҳурӣ ворид кардани чорвои зотҳои гӯшти дар солҳои панҷоҳуми асри гузашта оғоз ёфт.

Зотҳои чорвои гӯштии овардашуда (қазоқии сарсафед, қалмиқӣ, абердин-ангусӣ) ҳангоми мутобиқшавӣ ва парвариш дар минтақаҳои кӯҳии ҷумҳурӣ бо зудрасӣ, тобоварӣ бо маҳсулнокии баланди гӯштӣ, сарфаи ками хӯрок, зуд фарбеҳ шудан ва нигоҳубин, бо истифодаи самараноки чарогоҳҳои табии кӯҳӣ ба натиҷаҳои хуб ноил гардид.

Олимон дар соҳаи чорводорӣ, самтҳои гӯштӣ ва ширӣ дурагакунонии байни зотҳоро амалӣ намуда, сифатҳои хоҷагидорию биологӣ ва маҳсулнокии ҷавонаҳои дурагаи омехтаи чорвои гӯштиро мавриди омӯзиш қарор додаанд. Зиёд кардани саршумори чорвои дурага ва ҳамзамон афзоиши саршумори чорвои гӯштӣ, ки ба шароити хуби кӯҳӣ хуб мутобиқ карда шудаанд, ба афзоиши истеҳсоли гӯшти гов дар кишвар мусоидат намуд.

Дар таҳияи чунин масъалаҳо саҳми олимон, аз ҷумла Сатторов Д.Қ, Арбобов А.А., Паденко С.А., Жарков Р.Ш., Кузмин С.А., Доротюк Э.П., Заднепрянский И.П., Умаров Ҳ.У., Косилов В.Н., Салихов А.А., Норов А., Сафаров С.,Бозоров Д., Қоимдодов К., Рӯзиев Т.Б., Отаева М., Рачабов Ф.М. , Файзуллоев А.А., Соатов С. Ва дигар селексионерҳо назаррас аст.

Дар байни зотҳои гӯштии махсусгардонидашуда барои баланд бардоштани маҳсулнокӣ ва беҳтар намудани сифати чорвои маҳаллӣ дурагакунонии байни зотҳои гӯштӣ ва чорвои маҳаллӣ тадқиқотҳо гузаронида шудаанд.

Ҳамин тариқ, гузаронидани тадқиқотҳои илмӣ ҷиҳати хусусиятҳои биологию хоҷагидорӣ ва зотнокии чорвои гӯштӣ, аз ҷумла зоти сарсафеди қазоқӣ ва чорвои популятсияи маҳаллӣ, байни ҳам дурагакунонии онҳо ва гирифтани насли дилхоҳ, барои истеҳсоли гӯшти босифат актуалӣ будани мазуъи пешниҳодшударо муайян мекунад.ё

Ҳадаф ва вазифаҳои тадқиқот. Гузаронидани дурагакунонии чорвои зоти сарсафеди қазоқи бо чорвои популятсияи маҳаллӣ ва парвариши насли гирифташуда ва минбаъд бо мақсади ба даст овардани зоту типҳои нави чорвои гӯштӣ.

Вазифаҳои тадқиқот:

1. Дурагакунии буққаҳои зоти сарсафеди қазоқӣ ва буққаи беҳтаркардашудаи маҳаллӣ бо говҳои популятсияи маҳаллӣ;
2. Омӯзиши давомнокии давраи инкишофи ҷанин, вазни зиндаи меросӣ, шаклҳои бадан, намуди зоҳирӣ, сифатҳои забҳ ва сифати пӯст;
3. Омӯзиши афзоиш, рушд, шароити нигоҳдорӣ ва ғизодиҳии чорвои таҳқиқшаванда ҳангоми парвариш;
4. Омӯзиши вазни зинда бо баркашии индувидуалӣ ҳар як чорвои таҳқиқшаванда;
5. Муайян намудани андозагирии берунаи чорвоҳои таҳқиқшаванда дар синни 3,6,9,12,15,18,21,24 моҳагӣ;
6. Омӯзиши таркиби морфологию химиявӣ ва сифати гӯшт ва равғани дохилӣ;
7. Арзёбии самаранокии иқтисодии чорвоҳои таҳқиқшаванда.

Навгонии илмӣ. Тадқиқотҳои илмӣ дар шароити хоҷагии кооперативии «Файзобод» - и ноҳияи Темурмалики вилояти Хатлон бори аввал буққаҳои зотии сарсафеди қазоқӣ ва буққаҳои беҳтаркардашудаи маҳаллӣ бо мақсади ба даст овардани дурагаи насли сарсафеди қазоқӣ бо чорвои популятсияи маҳаллӣ гузаронида шуданд.

Оид ба набудан дар рисола иқтибосҳои маводҳои рӯйбардоркардашуда, ки ишораи муаллифӣ надоранд.

Унвончӯй аз натиҷаи тафтиши матни мавод оид ба набудан дар рисола иқтибосҳои маводҳои рӯйбардоркардашуда, ки ишораи муаллифӣ надоранд маълумотнома пешниҳод кардааст. Ин маълумотнома аз тарафи шахси тафтишкунанда дар назди КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон имзо карда шудааст. Аз рӯйи ин маълумотнома матни нусхаи аслии (оригиналии) рисола дар мавзӯи «Сифатҳои гӯштии чорвои популятсияи маҳаллӣ дар асоси дурагакунонӣ бо зоти сарсафеди қазоқӣ дар шароити минтақаи Кӯлоб» 93,97 % -ро ташкил медиҳад.

Баён кардани пуррагии маводҳои рисола дар мақолаҳое, ки аз тарафи унвончӯй ба табъу нашр расидаанд.

Аз рӯйи рисолаи илмӣ 10 адад мақола чоп шудааст, ки 4 адади он ба маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон марбут мебошанд.

Рисолаи илмии Сафарзода З. дар мавзӯи «Сифатҳои гӯштии чорвои популятсияи маҳаллӣ дар асоси дурагакунонӣ бо зоти сарсафеди қазоқӣ дар шароити минтақаи Кӯлоб» аз рӯйи нишондодҳои п. 9 Низмномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба мушарраф гардонидани дараҷаҳои илмӣ", ки аз рӯйи талаботҳои рисолаҳои номзадӣ бармеояд, мувофиқат мекунад.

Рисолаи илмӣ метавонад барои ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯи ихтисоси 4.2.2 - Зотпарварӣ, селексия ва генетикаи ҳайвоноти кишоварзӣ пешниҳод карда шавад.

Пешниҳоди муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар. Комиссия дар асоси банди 69 "Низомномаи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295 барои таъин кардани муқарризони расмӣ чунин пешниҳод менамояд:

1. Рӯзибоев Нурадин Раҳимович - доктори илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.02.07 – Зотпарварӣ, селексия ва генетикаи ҳайвоноти кишоварзӣ, мудири шуъбаи Оҳангарони Институти илмӣ-тадқиқотии чорводорӣ ва парандапарвории Ҷумҳурии Узбекистон;

2.Ҷурабегзода Абдуҷабор Ҷурабек – номзади илмҳои кишоварзӣ, аз рӯйи ихтисоси 06.02.10 – Зоотехния хусусӣ, технология ва истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ, декани факултети зооинженерии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур;

3. Ба сифати муассисаи пешбар Институти илмӣ – тадқиқотии чорводорӣ ва чарогоҳи Қирқизистон пешниҳод карда мешавад.

Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Институти чорводорӣ ва чарогоҳи Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон иҷозат дода мешавад.

Барои нашр кардани автореферати диссертатсия иҷозат дода мешавад ва он ба муассисаҳои илмӣ ва таълимӣ, олимони соҳа ирсол карда шавад.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Сафарзода Зайнудин дар мавзуи «Сифатҳои гӯштии чорвои популятсияи маҳаллӣ дар асоси дурагакунонӣ бо зоти сарсафеди қазоқӣ дар шароити минтақаи Кӯлоб» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи

ихтисоси 4.2.2 -Зотпарварӣ, селексия ва генетикаи ҳайвоноти кишоварзӣ баррасӣ намуда, дар асоси 60 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ.

Қарор кард:

1. Диссертатсияи Сафарзода Зайнудин, дар мавзуи «Сифатҳои гӯштии чорвои популятсияи маҳаллӣ дар асоси дурагакунонӣ бо зоти сарсафеди қазоқӣ дар шароити минтақаи Кӯлоб» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 4.2.2 -Зотпарварӣ, селексия ва генетикаи ҳайвоноти кишоварзӣ, ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 4.2.2 - Зотпарварӣ, селексия ва генетикаи ҳайвоноти кишоварзӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси **муқарризони расмӣ** пешниҳод менамояд:

- Рузибоев Нурадин Раҳимович - доктори илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.02.07 – Зотпарварӣ, селексия ва генетикаи ҳайвоноти кишоварзӣ, мудири шуъбаи Оҳангарони Институти илмӣ-тадқиқотии чорводорӣ ва парандапарвории Ҷумҳурии Узбекистон;

- Ҷурабегзода Абдуҷабор Ҷурабек – номзади илмҳои кишоварзӣ, аз рӯйи ихтисоси 06.02.10 – Зоотехния хусусӣ, технология ва истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ, декани факултети зооинженерии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур;

3. Ба сифати **муассисаи пешбар** Институти илмӣ - тадқиқотии чорводорӣ ва чарогоҳи Қирқизистон тавсия дода шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Институти чорводорӣ ва чарогоҳи Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба сурогаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор Рӯзиев Т.Б.

Аъзои комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои кишоварзӣ Аҳмадалиев Н.А..

номзади илмҳои кишоварзӣ Наботов С.Қ.
27.02.2026